# ҚАРОРИ
## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 15 апрели соли 2023** **ш. Душанбе**

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 таҳқиқоти диссертатсионии Аминзода Зокирҷон Тоҳирро дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз руи маҷмуи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) (роҳбари илмӣ: **Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон), пешниҳод шудааст, ҳамчунин, тақризи муассисаи пешбар, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: **Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** –доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия – Тоҷикистон; **Сафарзода Ҳаёт Сайдамир** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи пешгирии терроризм ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, баромади аъзои Шурои диссертатсионӣ, баромади мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессорон Назаров А.Қ., Азиззода У.А., Сафарзода А.И. ва муқарризи ғайрирасмӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ализода З.-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шуро бобати саҳеҳ будан, навгонии илмӣ, аҳамиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Аминзода Зокирҷон Тоҳир, инчунин, оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз руи маҷмуи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ », ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, ба

талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла, «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

2. Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

3. Ба Аминзода Зокирҷон Тоҳир дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намуда, Аминзода Зокирҷон Тоҳирро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

Раисикунанда, муовини раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Диноршоҳ А.М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Гадоев Б.С.

15 апрели соли 2023